# “Tajik state university of commerce”
## Course: *Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*

**Week 11:**

**Terms (main elements of contracts) of foreign trade**

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** Terms (main elements of contracts) of foreign trade

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## НОМИ ФАН: ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИ БЕРУНАИ КОРХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




**Ҳафтаи 11.**

**ШАРТҲОИ (УНСУРҲОИ АСОСИИ ҚАРОРДОДҲО (ШАРТНОМАҲО) – И САВДОИ БЕРУНА**


***Рустамзода Фитрат Музафар***

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1.Муқаддима**

Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

Қарордодҳои савдои хориҷӣ

**2.Хулоса**

Ҷамъбасти мавзуъ.

## Мақсади лексия:

Омӯзиши махсусиятҳои қарордоҳои намунавии савдои беруна ва истифодаи онҳо буда, азбаркунинии донишҳо дар ин ҷода имконият медиҳад, ки хавфу таваккалҳои савдои беруна то андозаи имконпазир пешгирӣ карда шаванд.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

**Муносибатҳои байналхалқии шартномавӣ** - ин муносибатҳое мебошанд, ки дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ байни давлатҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил мешаванд.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

Шартномаҳо ба унвони асоси ҳуқуқии муносибатҳо хизмат мекунанд ва унсури муҳими ҳуқуқи байналмилалӣ ҳисобида мешаванд.

Субъэктҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар ҷараёни татбиқи ин фаъолият ҳатман муносибатҳои байналхалқии шартномавӣ барқарор менамоянд.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

***Муносибатҳои байналхалқии шартномавӣ*** маҷмӯи меъеру стандартҳои эътирофгардидаи ҳуқуқи шаҳрванди мебошад, ки тартибу шаклҳои анҷоми муомилот бо шарикони хориҷӣ, мундарича ва шартҳои иҷрои онҳоро муайян менамоянд.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

## Хусусиятҳои асосии муносибатҳои байналхалқии шартномавӣ:

**Шартномаҳои байналмилалӣ** - муносибатҳои шартномавӣ асосан бар асоси шартномаҳои хаттӣ ташкил мешаванд, ки тарафҳо ба мувофиқа мерасанд. Шартнома метавонад дучониба (байни ду давлат) ё бисёрҷониба (дар байни якчанд давлат) бошад.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

**Асос барои муносибатҳо**-шартномаҳо асоси ҳуқуқии барои ба миён омадани муносибатҳо ҳастанд. Ба воситаи шартномаҳо, тарафҳо уҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои хешро таъриф мекунанд ва муносибатҳои онҳоро танзим мекунанд.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

**Низом ва ҳуқуқ**

Муносибатҳои шартномавии байналмилалӣ ба сурати қатъӣ бо конунҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар шартномаҳо эътироф шудаанд, танзим мегарданд.

**Мақсад ва ҳадаф**

Мақсади асосии чунин шартномавӣҳо таҳкими ҳамкорӣ, ҳалли ихтилофот, инчунин таъмини осоиштагӣ ва сулҳ дар муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

**Шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ**

Муносибатҳои шартномавии байналмилалӣ дар шаклҳои гуногун вуҷуд доранд:

**Шартномаҳои дуҷониба** - масалан, шартномаҳо барои таъмини ҳамкории иқтисодӣ, созишномаҳои тиҷоратӣ ё сиёсӣ байни ду давлат.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

**Шартномаҳои бисёрҷониба**

Масалан, шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба, ки якчанд давлат ё ташкилоти байналмилалӣ дар онҳо иштирок мекунанд. Мисол, Созишномаи Париж оид ба тағйироти иқлим ё Конвенсияи Вена дар бораи ҳуқуқи шартномаҳо (1969).

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

**Қарордодҳои савдои хориҷӣ** бо шарикони хориҷӣ аз ҷониби субъэктҳои ФИХ, ташкилоту корхонаҳо, ашхоси воқеи ва ҳуқуқи, инчунин ҳукумат ва мақомоти дигари ҳокимияти давлатии кишвар баста мешаванд. Субъэктхоеро, ки ба муносибатҳои қарордоди барқарор менамоянд, «тарафҳол», «аҳли шартнома» ё «шарикон» меноманд.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

Инчунин вобаста ба намудҳои фаъолияти дар қарордод иникосёфта онҳо мумкин аст «харидор» ва «фурушанда», «таҳвилгар» ва «қабулкунанда» ва ғайра номида шаванд.

**Қарордоди савдои хориҷӣ** санади мувофиқашудаест, ки бо мақсади хариду фуруш, анҷоми кор, хизматрасони дар кишварҳои мухталиф дар асоси дуҷониба ё бисертарафа баста мешавад.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

**Шартномаҳои созмонҳои байналмилалӣ**

+ Созишномаҳо ва протоколҳое, ки тавассути созмонҳои байналмилалӣ (масалан, СММ, Созмони Ҷаҳонии Савдо) ба имзо мерасанд.

Таклифи тиҷорати дар лаҳзаи иттилоъ (***пешниҳод)*** гардидана ***оферт*** (comercial offer) ва дар сурати қабул шуданаш ***аксепт (acceptance)*** номида мешавад.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

## Раванди ҳалли ихтилофот ва амалишавии шартномаҳо

### Эълони эътибор

Пас аз имзо, шартнома бояд дар ҳар як кишвар раванди ҳуқуқӣ барои эътибор ва амалишавиро гузарад, ки дар ҳолати кишварҳои демократӣ, ин бояд дар қонунгузории миллӣ тасдиқ шавад.

### Риояи шартҳо

Тарафҳо бояд шартҳои шартномаро риоя кунанд. Агар яке аз тарафҳо шартро вайрон кунад, дигар тараф метавонад даъво кунад ва дар миқёси байналмилалӣ барои шеносоии ҳуқуқи хеш талош кунад.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

## Ҳалли ихтилоф дар омода намудани шартнома

Агар тарафҳо дар тавлиди шартнома ё амалишавии он мушкил дошта бошанд, метавонанд ба мизонҳои байналмилалӣ (масалан, Додгоҳи байналмилалии адлия) мурочиат кунанд. Барои ба чунин монеаҳо дучор нашудан бояд тамоми марҳилаҳои омодакунии шартномаро ба пурраги омӯхта шавад, зеро дар ҳолати бетаваҷҷуҳи зоҳир намудан ба ягон банди шартнома метавонад, ба чунин ҳолатҳо оварда расонад.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

**Муносибатҳои шартномавии байналмилалӣ** - дар ҳаёти дипломатӣ ва иқтисодӣ боиси эҷоди низомҳои ҳамкорӣ, ба вуҷуд овардани асоси ҳуқуқӣ барои муносибатҳо ва ҳалли масъалаҳои глобалӣ мешаванд.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

**Марҳилаҳои омода намудани қарордод ва ба имзо расонидани он.** Аз лаҳзаи ба анҷом расонидани гуфтушунидҳои пешаки, вақте ки пешниҳодоти тиҷорати қабул гардида, оферт ба аксепт мубаддал гашт оғоз меёбад. Дар ин марҳила тарафҳо мушаххасоти муомилаи пазируфташудаи савдои хориҷиро ба таври амиқ меомӯзанд ва шартҳои асосии таҳвилу пардохтро муайян намуда, қарордодро ба имзо мерасонанд.

# Муносибатаҳои байналхалқии шартномавӣ

Ба таври мушаххас, шояд манзурҳо ва мисолҳо аз қарорҳои савдои корхонаҳои Тоҷикистон дар соҳаҳои мухталиф (масалан, истеҳсоли бофандагӣ, металлоидҳо, кишоварзӣ ва ғайра) муҳим бошанд.

Омӯзиши қарорҳои савдои хориҷа дар корхонаҳои Тоҷикистон кӯмак мекунад, ки роҳҳои рушди иқтисодии кишвар ва фаҳмиши беҳтари раванди ҳамкориҳои байналмилалӣ пайдо шавад.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

**Шартномаи савдои хориҷӣ** - ин созишномаест, ки байни ду ё зиёда субъектҳои тиҷоратӣ аз кишварҳои гуногун ба имзо мерасад ва он муносибатҳои хариду фурӯши молу хизматрасониҳоро дар сатҳи байналмилалӣ танзим мекунад.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

## Хусусиятҳои асосӣ:

- Хусусияти байналмилалӣ дорад: байни ширкатҳо ё ташкилотҳо аз кишварҳои гуногун баста мешавад. Барои дар оянда ба бозорҳои байналмилалӣ пешниҳод намудани молу маҳсулот. Дар асоси қарордодҳои байналмилалие, ки онҳо бо якдигар барои дар оянда ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монанд ба имзо мерасонанд.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

- **Ҳуқуқии умумичаҳонӣ**: асосан ба қонунҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи тиҷоратии беруна такя мекунад.
- **Муқарраркунандаи ҳуқуқу ухдадорӣ**: муқаррар мекунад, ки кадом мол ё хизматрасонӣ, бо кадом шартҳо, нарх ва муҳлат фурӯхта ё харида мешавад. Ҳамаи ин хусусиятҳои муҳим дар қарордод ё созишномае, ки аз ҷониби тарафҳо дар доираи ҳамкориҳо байни ҳам сурат мегирад баста мешавад.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

**Мақсади асосӣ:**

- Мусоидат ба муомилаи молу хизматрасонӣ байни кишварҳо дар асоси қарордод.
- Таъмини амнияти ҳуқуқии ҷонибҳо дар асоси қарордодҳои ба имзо расонида шуда.
- Пешгирии ихтилоф ва роҳбарӣ ба ҳамкории мӯътадил, ки бевосита аз қарордоди мазкур бар меояд.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

**Шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ**

**Шартномаҳои савдои хориҷӣ шаклҳои гуногун доранд ва вобаста ба навъи муомила, онҳо чунин гурӯҳбандӣ мешаванд:**

**а) Шартномаи хариду фурӯш**

- Шартномаест барои харидани мол аз як кишвар ва фурӯш ба дигар кишвар.
- Шомили нарх, миқдор, муҳлати таҳвил, сифат, кафолат ва дигар шартҳо.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

**б) Шартномаи хизматрасонӣ**

- Барои иҷрои корҳои муҳандисӣ, таъмир, омӯзиш, насби таҷҳизот ва ғайра байни ширкатҳои хориҷӣ.

**в) Шартномаи иҷора (лизинг)**

- Қисмҳои таҷҳизот ё техника барои истифода ба иҷора дода мешаванд, яъне ба мӯҳлатҳои гуногун аз (1 то 3 сол ё аз 3 то 5 сол) дода мешавад. Дар асоси шартномаи мазкур тарафҳо метавонанд шартномаи иҷораи (лизингии хешро) дароз намоянд.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

**г) Шартномаи консигнатсионӣ**

- Мол аз тарафи фурӯшанда ба консигнатор фиристода мешавад, ки онро фурӯхта, баъд маблағро бармегардонад.

**д) Шартномаи кооператсия ё ҳамкорӣ**

- Барои рушди корхонаҳои муштарак, мубодилаи технология ё истеҳсоли якҷоя зарур мебошад, зеро дар ҳолати доштани технологияи нав ва омода намудани кадрҳои баландсифат яке аз шартҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

**Мисолҳо аз таҷрибаи корхонаҳои Тоҷикистон**

Омӯзиши қарорҳои савдои хориҷа дар корхонаҳои Тоҷикистон кӯмак мекунад, ки роҳҳои рушди иқтисодии кишвар ва фаҳмиши беҳтари раванди ҳамкориҳои байналмилалӣ пайдо шавад. Дар шароити муосир пайдо намудани шариkони хориҷӣ ва баровардани молу маҳсулот ба бозори ҷаҳонӣ яке аз шартҳои муҳим барои аксарияти корхонаҳо дониста мешавад.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

## е) Шартномаи агентӣ/ваколатдорӣ

- Яке аз тарафҳо ба номи дигар тараф бо кишварҳои сеюм шартнома мебандад ва муомилаҳои тиҷоратиро дар асоси шартномаҳои мазкур ба роҳ мемонад ва аз номи корхонае, ки ӯ ваколатдор гардидааст, дар таҳия ва омода намудани созишномаҳои мазкур ва ҳамкориҳо дар самти муомилоти доду гирифтро ба роҳ мемонад.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

Унсурҳои ҳатмии шартномаҳои савдои хориҷӣ

Ҳар як шартномаи савдои хориҷӣ бояд унсурҳои зеринро дар бар гирад:

| Унсур | Тавсиф |
|---|---|
| **Тарафҳо** | Кӣ харидор аст ва кӣ фурӯшанда (бо маълумоти ҳуқуқӣ) |
| **Мавзӯи шартнома** | Мол ё хизматрасонии мавриди муомила |
| **Нарх ва асъор** | Арзиши мол, асъори пардохт (USD, EUR, рубл ва ғайра) |

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

Унсурҳои ҳатмии шартномаҳои савдои хориҷӣ

Ҳар як шартномаи савдои хориҷӣ бояд унсурҳои зеринро дар бар гирад:

| **Муҳлати таҳвил** | **Кай ва чӣ гуна мол расонида мешавад** |
| --- | --- |
| **Шартҳои пардохт** | Пешпардохт, пас аз таҳвил, аккредитив ва ғайра |
| **Кафолат ва масъулият** | Ҷавобгарӣ дар сурати зарар, таъхир ё вайрон кардани шарт |
| **Низои ҳуқуқӣ** | Кадом қонун ё додгоҳ баррасии ихтилофҳоро анҷом медиҳад |

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

**Қарордоди савдои хориҷии консигнасия**

яке аз намудҳои қарордоди хариду фурӯшест, ки мутобиқи он «харидор» арзиши молро пешаки ё дар лаҳзаи бор карда фиристоданаш не, балки пас аз ба маҳалли таинот расидани мол ва аз ҳама муҳимаш пас аз фурӯши он месупорад. Муҳлати консигнация пардохти маблағи арзиши мол пас аз фурӯши он дар қарордод ё фасли махсуси он зикр карда мешавад.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

Қарордоди савдои хориҷии бартер - чунин шакли ӯҳдадороии шартномавиест, ки мутобиқи он як тараф ӯҳдадори мегирад, ки ба тарафи дуюм бар ивази молҳои дигар мол мерасонад.

Карордоди фючерси – мутобиқи ин қарордод тарафҳо, яъне фурушанда ва харидор тартиби хариду фуруши молро бо шарти дар оянда таҳвил намудани он пешаки муайян менамоянд. Дар ин бозор иштирокчии асоси хачерҳо мебошанд.

# Моҳият ва шаклҳои шартномаҳои савдои хориҷӣ

**Шартномаи савдои хориҷӣ** - воситаи ҳуқуқии асосии амалиёти тиҷорати байналмилалӣ мебошад. Он кафолат медиҳад, ки тарафҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои худро медонанд ва баҳсҳоро дар асоси қонун ҳал мекунанд. Навъ ва шакли он вобаста ба навъи муомила ва мақсади ҳамкорӣ гуногун аст.

# Қарордодҳои савдои хориҷӣ

**Қарордоди савдои хориҷӣ дар мавриди амалиёти иҷоравӣ, лизинг** - ин шакл ба монанди ҳар шартномае, ки ба муносибатҳои иҷоравӣ асос ёфтааст, истифодаи муваққатии амволи аз ҷониби иҷорадеҳ ба истифодабаранда супоридашавандаро дар назар дорад, зеро дар асоси шартнома онҳо метавонанд фаъолияти хешро ба роҳ монанд.

# Қарордодҳои савдои хориҷӣ

Қарордодҳои савдои хориҷӣ вобаста ба хусусияти муомилот дар шаклҳои зерин ба расмият дароварда мешаванд;

- қарордоди хариду фурӯш;
- қарордоди консигнация;
- қарордоди бартер;

# Қарордодҳои савдои хориҷӣ

- қарордоди фючерси;
- қарордод дар мавриди коркарди маҳсулот ва молрасонии кооперасиони дар асоси шартномаи ки ҷонибҳо барои солҳои тулонӣ ба имзо мерасонанд, сурат мегирад;
- қарордод дар мавриди амалиёти иҷоравӣ, лизингӣ.

# Қарордодҳои савдои хориҷӣ

Қарордоди савдои хориҷии хариду фуруш чунин қарордодест, ки мутобиқи он як тараф «Фурушанда» ӯҳдадори мегирад, ки ба тарафи дигар – «харидор» бошад, ӯҳдадор мешавад, ки молро қабул карда, маблағи арзиши онро дар муҳлат ва бо тариқи пардохти дар қарордоди мазккур нишондодашуда месупорад.

# Қарордодҳои савдои хориҷӣ

**Қарордоди савдои хориҷии консигнасия** яке аз намудҳои қарордоди хариду фурушест, ки мутобиқи он «харидор» арзиши молро пешаки ё дар лаҳзаи бор карда фиристоданаш не, балки пас аз ба маҳалли таинот расидани мол ва аз ҳама муҳимаш пас аз фуруши он месупорад. Муҳлати консигнация пардохти маблағи арзиши мол пас аз фуруши он дар қарордод ё фасли махсуси он зикр карда мешавад.

# Қарордодҳои савдои хориҷӣ

Қарордоди савдои хориҷии бартер - чунин шакли ӯҳдадороии шартномавиест, ки мутобиқи он як тараф ӯҳдадори мегирад, ки ба тарафи дуюм бар ивази молҳои дигар мол мерасонад. Дар чунин намуди шартнома маблағ ба кор намеравад, зеро тамоми доду гирифт тавассути мубодила сурат мегирад.

# Қарордодҳои савдои хориҷӣ

Карордоди фючерси – мутобиқи ин қарордод тарафҳо, яъне фурушанда ва харидор тартиби хариду фуруши молро бо шарти дар оянда таҳвил намудани он пешаки муайян менамоянд. Дар ин бозор иштирокчии асоси хачерҳо мебошанд.

**Хачер** - ин мол истеҳсолкунанда ё шахси дигаре мебошад, ки зироатро парвариш намуда онро ба ҳисоби молрасонии минбаъда ба фуруш мерасонад.

# Қарордодҳои савдои хориҷӣ

Ин шартномаҳо воситаи асосии ҳамкориҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои хориҷӣ буда, муайянкунандаи шартҳои харидуфурӯш, интиқол, пардохт ва масъулияти ҷонибҳо мебошанд. Дар асоси шартномаи мазкур корхонаҳо имконият пайдо менамоянд, ки молу маҳсулотҳои хешро бе ягон маъмоният ба бозорҳои ҷаҳонӣ интиқол намоянд ва маҳсулотҳои истеҳсол намудаи онҳо дар баробари дигар намуди маҳсулотҳо рақобатпазир бошанд.

# Қарордодҳои савдои хориҷӣ

Сатҳи таҳияи шартномаҳои савдои хориҷӣ дар бисёр корхонаҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ нест, ки ин метавонад боиси муаммоҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ гардад. Мушкилиҳо асосан ба набудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ, нофаҳмиҳо дар муқаррароти ҳуқуқии кишварҳои ҳамкор ва норасоии забондонӣ вобастаанд.

# Ҷамъбасти мавзуъ

Қарордодҳои (шартномаҳои) савдои хориҷӣ дар корхонаҳои Тоҷикистон нақши калидӣ дошта дар рушди иқтисодиёти мамлакат ва воридсозии сармоя ва технологияҳои муосир мубрам баҳисоб меравaнд. Дар асоси аз ҷониби корхонаҳо дуруст истифода намудани шартномаҳои мазкур онҳо метавонанд, имкониятҳои хешро васеъ истифода намуда молу маҳсулотҳое, ки ба талабот ва стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд, омода намоянд.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Алексеев, И. Внешнеэкономическая деятельность / И. Алексеев. – М.: Дашков и К, 2011. – 304 с. 2. Алехнович, А. Внешнеэкономическая предпринимательская деятельность / А. Алехнович. – М.: Дикта, 2009. – 128 с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ (АМОҶТ с.2012, №7, м. 696).

3. Муқаддасзода Ф.М., Рустамов Ф.М., Фаъолияти иқтисоди берунаи корхонаҳо, дастури таълимӣ-методӣ – Душанбе 2020, саҳ.12..

4. Оймахмадов М., Машгулов М. Основы внешнеэкономической деятельности. –Душанбе, Ирфон – 1997г.

5.Официальный сайт Министерства иностранных дел – Режим доступа: http://mfa.gov.by/export/ – Дата доступа: 02.04.2014.